# **Хусусиятҳои бо кор таъминкунии** шаҳрвандони хориҷӣ, ки ба Руссия бе зарурияти виза дохил мешаванд



# 1. Воридшавӣ ба Руссия

- Дар корти муҳоҷир (миграционная карта) - пункти "Цель въезда" - "Работа" - ро интихоб кунед.









## 2. Омода намудани ҳуҷҷатҳо

- Муоинаи тиббӣ;
- Полиси ихтиёрии суғуртаи тиббӣ;
- Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи донистани таърих, қонунгузорӣ ва забони русӣ (диплом, сертификат ва ғайра.







**ИНЧУНИН:**

- Ариза барои гирифтани патент;
- Шиноснома;
- Ҳуҷҷати бақайдгирии зист;
- Акси ранга 3х4;
- Ҳангоми будани ҷарима, ҳуҷҷати пардохти он.

# 3. Муроҷиат ба Хадамоти федералии муҳоҷират.

**ДИҚҚАТ**

**Мӯҳлати аз вуруд ба РУССИЯ то тамос бо ХАДАМОТИ МУҲОҶИРАТ (ФМС) набояд аз 30 рӯз зиёд бошад.**

**Дар сурати аз мӯҳлати 30-рӯза гузаштан - ҷарима ба андозаи 10-15 ҳазор рубл, ё депортатсия.**



ФМС РОССИИ
ФЕДЕРАЛЬНАЯ МИГРАЦИОННАЯ СЛУЖБА

# 4. Додани патент ё инкор кардани ариза




**Патент гирифтед**

Тахмин 10 рӯзи корӣ

**Аз соли 2015 новобаста аз машғулият муҳоҷирон бояд патент гиранд.**
**Шумо метавонед танҳо дар он маҳал кор кунед, ки аз он патент гирифтед.**

**Патент ба мӯҳлати аз 1 то 12 моҳ дода шуда, баъдан бояд тамдид шавад.**

**Патент нагирифтед**

**Сабабҳои надодани патент:**

- Давоми 5 сол "депорт" будан;
- Пешниҳоди ҳуҷҷатҳои қалбаки ё нодуруст;
- Ҳукми судӣ доштан;
- Якчанд маротиба ба ҷавобгарии маъмури кашида шудан;
- Синни аз 18 поён;
- Қарори вуруди номатлуб;
- Дар корти муҳоҷир нишон надодани мақсади вуруд - РАБОТА




**Арзиши патент барои 1 моҳ тахмин 4500 рублро ташкил дода, барои ҳар вилоят фарқ мекунад.**

# 5. Оғози шуғл (фаъолияти корӣ)

- Корфармо бояд бо корманд шартнома баста, дар давоми 3 рӯз ба хадамоти муҳоҷират хабар диҳад, ки бо шарҳрванди дигар кишвар кор мекунад.

## Дар давоми 2 моҳ:

- Шаҳрванди хориҷӣ (муҳоҷири меҳнатӣ) бояд бо корфармо шартнома бандад;
- Шарҳванди хориҷӣ, ки бо ташкилот ё корхона кор мекунад, ба хадамоти муҳоҷирӣ нусхаи шартнома ё дафтарчаи меҳнатиро пешниҳод намояд.

